O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995 yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

1-2023

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**D.Abdullayeva**
XX asrning 20-yillarida Buxoro me'moriy obidalarining ta'miroti masalasi ........ 324
**F.Temirov**
Sadriddin Ayniy ijodida Turkiston tarixi masalalari ........ 328
**I.Naimov**
Ahmad Donish ilmiy merosida islom huquqi masalalari ........ 333
**R.Rahimov**
Yevropa noshirlik uylari vujudga kelish tarixiga nazar ........ 337
**D.A.Choriyeva**
Madaniyat sohasida oliy ma'lumotli mutaxassis kadrlar muammosi va yechimlar ........ 342
**O.V.Mahmudov**
O'rta asr Yevropa tarjima markazlari tizimida Ispaniya shaharlarining o'rni: Barselona, Pamplona, Saragosa va Segoviya ........ 353
**A.A.Hakimov, B.A.Usmanov**
Amir Abdulloning Xorazm yurishi ........ 360
**N.X.Choriev**
Buxoro Amirligining janubiy hududlarida irrigatsiya tarmoqlarining rivojlanishi ........ 365

ADABIYOTSHUNOSLIK

**I.Yakubov**
"Modern" o'zbek romanlarida majoziy va xayoliy-parodoksal ifoda ........ 368
**P.Bakirov**
Turli tizimli tillarda nominatsentrik maqollar mazmun plani ........ 373
**I.Mannopov**
Yassaviylik adabiyoti tahlili masalasi ........ 379
**Q.Yo'lchiyev**
Anvar Obidjon lirikasida semiotik xususiyatlar ........ 383
**J.Eshonqulov**
Hayrat Buxoriy ijodida ijtimoiy hayot va muhit tanqidining badiiy xususiyati ........ 388
**T.Matyoqubova**
Tuyg'u va kechinmani kitobxonga "yuqtirish" mahorati ........ 394
**M.Qurbonalieva**
Taqiuddin Muhammad Avhadiy "Arafot-ul-oshiqin" va Mutribiy Samarqandiy "Tazkirat-ush-shuaro" asarlarning qiyosiy tahlili ........ 399
**I.Eshonqulov**
Tazkiranavislar nuqtayi nazaridan Mirsiddiqxon Hashmatbuxoriy o'rnini anglash ........ 405
**H.Ne'matova**
Hoji Muinning "Kattaqo'rqon xotiralari" safarnomasi ........ 413
**X.A.Xaitov**
O'zbek adabiyotida lingvistika asosida kulgi uyg'otish masalasi ........ 417
**Samadi Nooria**
Maqollarning metodik jihatdan o'ziga xos xususiyatlari ........ 421
**A.G.Sabirdinov**
Shuhrat she'rlariga bir nazar ........ 427
**S.Muminov, Z.Kamoliddinova**
Isajon Sultonning "Alisher Navoiy" romanida qo'llangan sinonimlarining lingvopoetikasiga doir ........ 433

TILSHUNOSLIK

**Sh.Iskandarova, D.Qo'ldasheva**
Furqat g'azallarida jonlantirishlarning ifodalanishi ........ 439
**Sh.A.Ganiyeva**
Frazeologik ma'no: kategorial va grammatik ma'no muammolari ........ 443
**D.Yuldasheva, S.Nishonova**
Maqollarda "bola" kontseptining ifodalanishi ........ 447
**M.Saminjonov**
Tilshunoslikda nutqiy janrlar va soha qasamlari masalasi ........ 450
**O.Latipov**
Rus, o'zbek, tojik va ingliz *tillarida "dog/it/sag"* zoonim so'zining konseptual talqini ........ 454

**UDK: 82.091 (043)** **DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss1/a81**

# HAYRAT BUXORIY IJODIDA IJTIMOIY HAYOT VA MUHIT TANQIDINING BADIIY XUSUSIYATI

# БОЗТОБИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАНҚИДИ ВАЗЪИ ЗАМОН ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАЙРАТИ БУХОРОӢ

# ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ОБЩЕСТВЕННОЙ ЖИЗНИ И ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ КРИТИКА В ТВОРЧЕСТВЕ ХАЙРАТА БУХАРИ

# THE ARTISTIC CHARACTERISTICS OF SOCIAL LIFE AND SOCIAL ENVIRONMENT CRITICISM IN HAYRAT BUKHARI'S WORKS

**Eshonqulov Jumanazar Shabonovich**[1]

[1]**Eshonqulov Jumanazar Shabonovich** − муаллими кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳи давлатии Самарқанд (PhD).

***Annotatsiya***

*Maqolada Muhammadsiddiq Hayrat ijtimoiy she'riyatining til xususiyatlari, badiiy jihatlari va qarashlari bayon etilgan. Muallif Hayrat Buxoriy ijodining tili, uslubi, badiiy xususiyatlari va shoirlik mahoratini hamda Buxoro amirligidagi adabiy muhitni tahlil qilib berishga harakat qilgan.*

*Xususan, Muhammadsiddiq Hayrat she'rlarida badiiy san'atdan foydalanish, ularning lisoniy-uslubiy xususiyatlari hamda shoir hayoti va ijodiga oid hali o'rganilmagan boshqa masalalarga e'tibor qaratilgan. Bu esa hali yetarlicha tadqiq etilmagan shoir she'rlarining qadr-qimmatini, XIX asr oxiri va XX asr boshidagi tojik adabiyoti tarixidagi o'rnini belgilab beradi.*

***Аннататсия***

*Дар мақола доир ба ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоӣ, хусусиятҳои забонӣ ва арзишҳои бадеии эҷодиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат андеша ва мулоҳиза баён шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки сабки нигориш, мухтассоти забонӣ ва доираи мавзӯоти ашъори Ҳайрати Бухороиро бар мабнои девони худи шоир таҳлилу баррасӣ намуда, бад-ин васила ҳунари шоирӣ ва ҷойгоҳи ӯро дар пешрафт ва ҷараёнгирии муҳити адабии Бухоро муайян кардааст.*

*Ба ин ваҷҳ, дар радифи матолиби аслии мақола вижагиҳои ҳунарӣ, сабку салиқаи нигориши шоир, мухтассоти забонӣ ва услубии ашъори суханвар ва масъалаҳои дигари марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ки арзиши ашъори ин шоири камшинохтаро дар омӯзиш ва шинохти таърихи адабиёти тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX муқаррар месозад.*

***Аннотация***

*В статье описываются языковые особенности, художественные аспекты и взгляды социальной поэзии Мухаммадсиддика Хайрата. Автор попытался проанализировать язык, стиль, художественные особенности и поэтическое мастерство творчества Хайрата Бухари, а также литературную среду Бухарского эмирата.*

*В частности, акцентируется внимание на использовании художественных средств, их языковых и стилистических особенностях и других неисследованных вопросах, связанных с жизнью и творчеством поэта в стихах Мухаммада Сиддика Хайрата. Этим определяется ценность еще недостаточно изученных стихотворений поэта и их место в истории таджикской литературы конца XIX -начала XX веков.*

***Absract***

*The article describes the linguistic features, artistic aspects and views of the social poetry of Muhammadsiddiq Hayrat. The author tried to analyze the language, style, artistic features and poetic skills of Hayrat Bukhari's works, as well as the literary environment of the Bukhara Emirate.*

*In particular, special attention is given to the use of artin the poems of Muhammad Siddiq Hayrat, their linguistic and stylistic features, and other unexplored issues related to the poet's life and work. This determines the value of the poet's poems, which have not yet been sufficiently researched, and their place in the history of Tajik literature of the late XIXth and early XXth centuries.*

***Kalit so'zlar:*** *XIX asr oxiri–XX asr boshlaridagi tojik adabiyoti, "Tanlangan she'rlar", ijtimoiy she'riyat, she'rlarning mavzu, mazmun xususiyatlari, shoirlik mahorati, muhit holati tanqidi, Muhammadsiddiq Hayrat Buxoriy.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Адабёти тоҷик дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, "Ашъори мунтахаб", шеъри иҷтимоъ, хусусиятҳои мавзӯӣ ва мундариҷавии ашъор, ҳунари шоирӣ, танқиди вазъи замон, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрати Бухороӣ.*

***Ключевые слова:*** *таджикская литература конца XIX -начала XX века, «Избранные стихотворения», социальная поэзия, тематика, содержательные характеристики стихов, поэтическое мастерство, критика среды, Мухаммадсиддик Хайрат Бухари.*

***Key words:*** *Tajik literature of the end of the 19th-beginning of the 20th century, "Selected Poems", social poetry, subject and content characteristics of poems, poetic skill, criticism of the social environment, Muhammadsiddiq Hayrat Bukhari.*

## МУҚАДДИМА

Афкори иҷтимоӣ дар адабиёти форсӣ собиқаи тӯлонӣ дорад. Агар ба таърихи ташаккул ва таҳаввули шеъри иҷтимоии адабиёти форсӣ назар афканем, маълум мешавад, ки перомуни ин масъала донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб ақидаи Ибни Синоро дар китобаш сабт кардааст, ки чунин аст: "Шеърро гоҳ барои тааҷҷуби танҳо месароянд ва гоҳе барои ғаразҳои иҷтимоӣ шеър мегӯянд, чунонки ашъори юнониён ҳамин тавр будааст. Ғаразҳои иҷтимоӣ яке аз ҷинсҳои сегона хоҳанд буд, яъне умури сиёсӣ ё мушовириёт (муҳокимаҳои сиёсӣ) ва қазоӣ ё мушоҷириёт (мунозираҳо) ва ситоишҳову накӯишҳо ё мунофириёт" [4, 74].

Дар ин маврид метавон афзуд, ки шеъри иҷтимоӣ реша дар фарҳанги қадимаи юнонӣ ва форсӣ дорад. Таҳқиқи шеъри иҷтимоии форсӣ барои муайян намудани масъалаҳои муҳими иҷтимоиёти шеърӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Адабиётшиносон дар мавриди пайванди ҷанбаи иҷтимоъ ва шеър андешаҳои гуногун доранд. То оғози асри XX дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шеъре ба унвони шеъри иҷтимоӣ ва ё шеъри сиёсӣ шинохташуда набуд дар фарҳангҳои адабӣ, ки то кунун дида мешавад, шеъри сиёсӣ вуҷуд надорад. Дар адабиёти тоҷикӣ низ танҳо баъд аз Инқилоби Октябр ва зуҳури адабиёти навини шӯравӣ иҷтимоиёт дар шеър ба сифати як хусусияти шеърӣ шинохта шуд.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Дар мавриди ин гуна шеър Шарифҷон Ҳусейнзода мегӯяд, ки: "Шеъри классикии тоҷик аз ибтидои комёбиҳои худ, яъне аз асри X аз ҷиҳати пайвастагӣ ба воқеоти зиндагӣ ҷиҳати хосе пайдо карда, оинаи ҳаёти ҷамъиятӣ гардида, расму оин ва равиши зиндагонии табақаҳои ҷамъиятиро то як андоза инъикос намудааст. Ин анъана пайваста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дар давоми асрҳо ба тадриҷ инкишоф ёфта, ҳатто ба ҷараён ва мактаби махсус (чун равиши вуқӯъ, дабистони вуқӯъ ва ғ.) мубаддал гардида, ба типҳо ва марҳалаҳо ҷудо шудааст" [8, 35].

Адабиётшинос Абдунабӣ Сатторзода перомуни шеъри иҷтимоӣ ба чунин хулоса меояд: "шеърест, ки ба мавзӯъ ва масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ бахшида шудааст. Ин навъ шеърро дар танқиди адабии мо маъмулан шеъри гражданӣ меноманд" [5, 217]. Аммо ин нуктаро набояд бад-он маънӣ қабул кард, ки шеъри иҷтимоии тоҷикӣ аз асри XX ва баъд аз инқилоби шӯравӣ оғоз пазируфтааст, зеро вусъат ёфтани пайванди шеър ва иҷтимоъ дар садаи XX бо баҳрагирӣ аз мероси пурқимати ниёгони мо Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ, Носири Хусраву Бедил ба амал омадааст. Шоирони гузаштаи мо кӯшиш доштанд, ки дар ашъори хеш ҳамнафаси халқ бошанд ва масоили марбут ба зиндагии мардумро инъикос намоянд. Маълум аст, ки мероси классикии мо, асосан хусусияти тарбиявӣ дошт, мавзӯъҳои фалсафию ирфонӣ панду ҳикмат, эҳсосоти баланди инсонӣ, ситоиши зебоӣ, караму мардонагӣ ва далерии одамонро тараннум мекард, дар баробари ин мо дар ашъори ниёгон шоҳиди мавҷудияти аносири иҷтимоӣ мегардем. Гарчанде ин сухангустарони назми форсу тоҷик ашъори сирф иҷтимоӣ камтар суруда бошанд ҳам, дар нигоштаҳояшон ба муаммоҳои зиндагӣ, аз ҷумла беадолатиҳои иҷтимоӣ, золимии шоҳону амалдорон, зиндагии сангини мардуми бечораҳол дахолат кардаанд, ки далели ҳузури иҷтимоиёт дар шеъри онҳо буда метавонад.

Ба миён омадани асарҳое мисли "Мушу гурба"-и Убайди Зоконӣ ва ғазалҳову мухаммасҳои иҷтимоъгароёнаи шоирон ба вусъат ёфтани вуруди мавзуоти иҷтимоӣ ба шеър мусоидат кард. Дар нимаи аввали қарни XVI раванди тоза бо номи "мактаби вуқӯъ" падид омад, ки ғараз аз он баён кардани ҳолати ишқ ва ошиқӣ аз рӯи воқеъ буд. Пайравони ин мактаб шеъри содаи бепироя ва холӣ аз ҳар гуна саноеи лафзӣ ва иғроқоти шоирона месуруданд. Ин омил далели он буд, ки адабиёт ва иҷтимоиёт бо ҳам пайванди ҳамешагиву ногусастанӣ доранд ва тазоҳури таҳаввулоти тозаи адабӣ бар авомили сиёсӣ ва фикрии ҷамъият марбут аст, зеро шоири ҳақиқӣ аз халқ ва шеъри воқеӣ аз ҳодисоти зиндагӣ ҷудо буда наметавонанд. Расул Ҳодизода дар ин маврид мегӯяд: "Мутафаккирони форсу тоҷик барои ифодаи афкору ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ ҳамеша аз воситаҳои адабиёти бадеӣ истифода менамуданд. Қиссаи Абӯалӣ Сино "Ҳай ибни Яқзон", қиссаҳои манзуми Искандари Мақдунӣ дар эҷодиёти Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ, ҳикояти машҳури "Саломон ва Абсол" дар танзим ва тавзеҳи Ҷомӣ ва монанди ин бисёр образ ва мазмунҳои бадеӣ ҳам дар фаъолияти мутафаккирони мо барои ифода намудани афкори пешқадами илмию фалсафӣ ва ақоиди сӯфиёна аз воситаҳои муҳиме буданд" [7, 60].

Яъне, аз оғоз таваҷҷуҳи шоирони мо ба баррасии масоили марбут ба зиндагӣ ва мушкилоти мардум зиёд буд ва онҳо барои инъикоси ҷанбаи иҷтимоъ тамоми маҳорату истеъдоди шоирии хешро истифода менамуданд. Бо вуҷуди зиёд будани баҳсҳо дар мавриди

вуруди ҷанбаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шеъри тоҷикӣ, пайванди шеър ва иҷтимоъ ҳаргиз гусаста нашудааст ва иҷтимоиёт, ки фарогири паҳлӯҳои мухталифи рӯзгори ҷомеа аст, дар адабиёт, бахусус, дар шеъри тоҷикӣ торафт вусъат пайдо кардааст.

Адабиётшинос Субҳон Амирқулов баъди таҳқиқоти бисёрсола ба ин натиҷа мерасад, ки адабиёти асри XIX-и тоҷик назар ба дигар даврони адабиёт баъзе хусусиятҳоро доро мебошад, ки зимни таҳқиқ ба назар гирифтани онҳо барои ҳар муҳаққиқ муфид хоҳад буд. Мавсуф адабиёти асри XIX-ро адабиёти давраи гузариш меномад. Дар ин давра ҷанбаи иҷтимоии шеъри тоҷик қувват гирифт, ки яке аз меъёрҳои шинохти ин марҳилаи адабиёт аст. Адабиёти давраи гузаришро мавсуф ба ду давра, нимаи аввали асри XIX ва нимаи дувуми асри XIX тақсим мекунад. Ҳамчунин номбурда таъкид медорад, ки ин давраи адабиётро бояд боэҳтиёт ва бо назардошти хусусиятҳои давраи гузариш мавриди таҳқиқ қарор дод. Агар ин давраи адабиёт бо назардошти меъёрҳои таҳқиқи адабиёти асрҳои миёна ба анҷом расад, натиҷаи матлуб ба даст нахоҳад омад. Дар ҳақиқат, яке аз хусусиятҳои адабиёти ин даврон нерӯманд гардидани ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеър мебошад, ки таҳқиқ ва омӯзиши ҳамин самти ин давраи адабиёт аз мавзуъҳои ҷолиб маҳсуб мешавад, ки ташаккули шеъри иҷтимоии тоҷикро дар як марҳилаи таърихан муҳим ба намоиш меоварад.

Омӯзиши мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри иҷтимоии шуарои ҳавзаи адабии Бухоро дар равшан намудани муҳимтарин нуктаҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба назар мерасад, ки маҳз мундариҷаи шеъри иҷтимоии шуарои ин давраи адабиёт таваҷҷуҳи адабиётшиносии замони шӯравиро ба худ кашидааст.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Зуҳури равияҳои пешқадам дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX, ки ба ановини "маорифпарварӣ", "равшангарӣ", "ислоҳотхоҳӣ" ва "таҷаддудхоҳӣ" ёд мешавад, бедорфикрӣ ва тозапардозии аҳли қаламро густариш бахшидааст. Мавзӯи меҳварии эҷодиёти як зумра равшанфикрону таҷаддудгароён, ба мисли Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддин Шоҳин, Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрати Бухороӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон мазаммати беадолатиҳои давр, фисқу фасоди аҳли ҷоҳ, пасмондагӣ ва футуроти сохтори аморат, таъсири бӯҳрони бефарҳангӣ ва зуҳуроти номатлуби замон ба шумор мерафт. Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат низ чун дигар суханварони пешқадам ҳамраъй ва ҳамандешаи намояндагони наҳзати маорифпарварӣ буд. Чунончи дар як шеъри ҷанбаи иҷтимоӣ доштаи Ҳайрат таваҷҷуҳ мекунем:

Сухан зи баднафасиҳои нокасонам нест,
Ки дар машоми амал бӯи кас намефорад.
Чаро зи шаккари алтофи дӯстон дурам,
На гар ба сомеа ғунги магас намефорад.
Мизоҷи ҳолатам аз яъс мунқалиб шудааст,
Ба ҳарза боди ҳавою ҳавас намефорад.
Зи ҳарфи дӯст чу сафрои хомӯшист ба табъ,
Нахост қанди мукаррар, зи бас намефорад.
Агар ҳузури ман аҳбоб хост, мехоҳам -
Ба илтимос, ки он мултамас намефорад.
Чу ҳарф баста лаб аз шаҳд шоҳидони нафис,
Ки ҳарфи мӯҳтасибам як нафас намефорад [6, 149].

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат пеш аз ҳама, шахси хоксор ва фурӯтан буд, аз маҷлисҳои тасодуфӣ ва сӯҳбати ашхоси бемаърифат дурӣ меҷуст, ба шӯҳратёр гардидану шоирпарастӣ завқу ҳавсала надошт. Аммо вай воқеа ва ҳаводиси сиёсию таърихии замонашро бодиққат мушоҳида намуда, ҷиҳатҳои хубу бади муҳити иҷтимоиро мунсифона таҳлилу баррасӣ менамуд. Тарзи тундгӯӣ ва ҳақиқатнигорӣ дар шеърҳои Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бештар ба мушоҳида расида, танқиду мазаммати "замон ва аҳли он", табақаи ҳукмрон ва соҳибони давлат, изҳори норизоӣ аз сохти мавҷудаи он давра мавқеи муҳимеро ишғол менамояд.

Чунончи:

Он ки аз хони висолаш нарасиду нарасанд,
На паи аҷз фақирон, на паси ҷанг шаҳон.
Ҷои тан сохта дар пайкари худ сим сатир,
Ҷои дил дошта дар синаи худ санг ниҳон.
Эҳтирози ман аз он маҳфилу з-он анҷуман аст,
Маҳфили кайфпарон, анҷумани бангҷаҳон.

Ору нангест ба ҷуз ишқу муҳаббат, ки ба даҳр,
Ҳам бад-он ори кеҳон рафту раҳи масдуд аст,
Боз бикшой бад-ин қофияи танг даҳон [6, 154].

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат қабл аз ҳама, аз ҷаҳолат ва иртиҷоъпарастии он аҳли илму адаб, ки қариб дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсию давлатии он давр реша давонида буданд, ба ғазаб меомад, ҳамаи онҳоро "микробҳои зарарноке" медонист, ки дар вуқуди ҷамъияти онвақта таъсири ҳалокатовар мерасониданд [6, 29]. "Микробҳои ҳақиқӣ - гуфта буд ӯ боре ба Садриддин Айнӣ - ҳамин уламои ҷоҳил ва ҳамин ҳукуматдорони тороҷгар мебошанд. Агар донишмандони рус барои барҳам додани микробҳо ба аҳолии Бухоро ёрӣ доданро хоҳанд, бояд аввал барои барҳам додани ҳамин микробҳои одамшакл ёрӣ диҳанд, ки инҳо дар байни мардум бемориҳои руҳиро паҳн мекунанд. Дар он вақт барҳам додани микробҳои паҳнкунандаи бемориҳои ҷисмонӣ осон мешавад" [1, 244].

Ба таъбири дигар, дар замоне, ки Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат зиндагӣ ва фаъолият мекард, фасодии ахлоқ ва бӯҳрони маънавият дар ҷомеа ҳукмфармо буд, таассуби динию тарғибу ташвиқи тазоҳуроти номатлуби аҳкоми шариат аз ҷониби уламо, ки аз номи ислом бар хилофи ислом фаъолият мекарданд, бо суръат ҷараён дошт. Шикоят аз авзои мавҷуда аз сабаби амали "уламои ҷоҳил" буд, ки шаъну шарафи исломро доғдор мекарданд. Аз ин лиҳоз, эрод ва эътирози шоир ба муқобили ҳаракат ва разолати як зумра муллоҳои ишратпараст, ки бо кирдори манҳус ва ақоиди манфурашон мафкураи мардумро вайрон ва заҳролуд менамуданд, дар баъзе ғазалҳои Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат мушаххас баён гардидааст. Зулму истибдоди аҳли дарбор, ҷавру ситами гумоштагони амир нисбати раият шоирро ба қаҳру ғазаб водор месозад ва накӯҳишу мазаммати ин гурӯҳи золим дар ашъори ӯ ифода меёфт.

Ҳамин гуна, рубоӣ, қитъаоти ҳаҷвомези Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар ҳаққи амалдорони вақт, ба мисли қозиву раис, миршабу арбобҳои золим як тозиёнаи сахт ва як танбеҳи намакине бар зидди имрати зулмбунёди Бухоро буд, ки шоир бад-ин васила дарду ормонҳои дилашро ифшо менамуд:

Фарёду фиғони ман зи дасти писарат!
Вожуниям аз қадди фарасти писарат!
Эй шаҳна, ба манъи мо зи май кӯшӣ чанд?
Нокарда назар ба чашми масти писарат [6, 201].

Ин рубоӣ дар назари аввал чун як шеъри оддӣ менамояд. Аммо бар ҳаққи Абдураҳимбек - Миршаб ва писари ӯ Давронбек, ки ниҳоят золим ва бадахлоқ буданд, бахшида шудаст. Садриддин Айнӣ дар "Ёддоштҳо" хисоли бад ва кору пайкори ин ду шахси сифларо ба риштаи тасвир кашида, таърихи навишта шудани ин рубоиро низ нақл кардааст. "Ӯ шабу рӯз маст шуда, бо ҷилавдорони себанд (калтак)-дораш савора мегашт ва одамони бечораи ба сабабе ба дасташ афтодаро ба баҳонае ва гоҳо бе ҳеҷ баҳона мефармуд, ки одамонаш даст гирифта истода калтаккорӣ мекарданд ва худаш бар болои асп истода, ба сари онҳо бо тозиёна мезад ва дашномҳои қабеҳ медод ва дар ҳолате ки худаш маст буд, он гуна одамро баъд аз "чӯбкорӣ" кардан "маст ба даст афтод" гӯён ба ихтиёри падараш мефиристод ва падараш он бечораро ҳабс намуда, шиканҷа карда пул мегирифт. Агар пул нарӯяд ва ё он одам пули доданӣ надошта бошад, "дузд" гӯён ба зиндон мефиристод ва ё ба сарбозии амир медод, ки ин кор ҳам аз хобидан др зиндон бадтар буд.

... дар ҳаққи миршаби "ғӯладинг" боре як қитъаи ҳаҷвия навишта шуд, ки эҷодкунандаи он (бо таъбири имрӯза) коллектив буд. Дар эҷод кардани коллективонаи он ҳаҷвия Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Иброҳими Субҳӣ ва ман иштирок карда будем. Аммо дар шаби дигар он шеърро Ҳайрат тасҳеҳ намуда буд. Он қитъаи ҳаҷвия ин аст:

Ғӯладинго! Бар сари зин менишинӣ хуквор,
Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.
Хукро фармондеҳи гургон надида ҳеҷ кас,
Ин "шараф" бо хислати гургонаат шоёни туст.
Хоҳ бошӣ хук, хоҳӣ гург, моро шуд яқин,
Хукбони гургтабъе зишт пуштибони туст.
Ин ҳама толон, ки мебинем, аз дуздон бишарм!
Баъд аз ин як хонаи обод натвон ёфтан,
Давр агар даври тую "даврон" агар "даврони" туст" [6, 335].

Бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки арзу шикваҳое, ки Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар ашъори лирикиаш аз ғаму иллатҳои замона мекунад, аз доира ва низоми шикоятҳои шахсӣ

фаротар меравад ва маънию мазмуни васеътар касб менамояд. Мавсуф дар рубоии дигари худ ба золиму ситамгари халқ чунин хитоб мекунад:

Эй рафта тариқаи ҷафокории халқ,
Парҳез накарда ҳеҷ аз зории халқ,
Эй пирзада, то кай аз қаҳр занӣ,
Ҳамчун ақраб неши ситамгории халқ [6, 201].

Ин гуна оҳангҳои танқиду накӯҳишӣ дар ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат тасодуфӣ набуда, балки натиҷаи таҷрибаи бойи ӯ мебошад, ки дар зарфи кӯтоҳи зиндагиаш ба даст омадааст. Шоир танҳо бо дониши аз мадраса ва мактаби феодалии аморати Бухоро гирифтааш маҳдуд нашуда, кӯшиш меанмуд, бо ҳар роҳ аз воқеаву ҳодисоти сиёсии Россия ва кишварҳои дигари ҷаҳон воқиф бошад. Садриддин Айнӣ зимни баёни тарҷимаи ҳоли худ қайд мекунад, ки Ҳайрат рӯзномаи “Ҳабл-ул-матин”-ро, ки дар Ҳиндустон ба забони форсӣ нашр мегардид, бозёфт намуда мутолиа мекард ва аз вақоеи дунё на фақат худаш, балки дӯстони наздикашро низ хабардор менамуд [6, 52]. Ин нукта дар батни як қитъаи Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат низ дида шуд, ки ба тариқи зайл аст:

Ин хабарро мардуми рӯи замин хоҳад шунид,
Яъне аз як ҷуръати “Ҳабл-ул-матин” хоҳад шунид [6, 213].

Илова бар ин, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бо “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш шинос шуд ва “аз ин китоб бе таъсир ва бетаассур намонд” [6, 31]. Масоили зиёди иҷтимоию сиёсӣ, ки Аҳмади Дониш вобаста бо ҳаёти иҷтимоии он замон ба миён гузошта буд, аз зумраи танқиди ошкоро ва шадиди сохти давлатии аморати Бухоро, тарғиби маориф ва маданияти рус, ки дар “Наводир-ул-вақоеъ” хеле равшан ифода ёфтааст, ба доираи зеҳну тафаккур ва аз ин ҷо, ба мазмуни ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат нақши муассир гузошт.

Шеърҳои Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат на фақат аз ҷиҳати мазмун ва мӯҳтаво, балки аз лиҳози саноеи бадеӣ, сабку услуб ва ҳунари шоирӣ низ аз намунаҳои беҳтарини назми охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX аст. “Дар замони мо, - навиштааст Садриддин Айнӣ, - мавзӯи шеър дар Бухорои амирӣ аз дунё ва аз замон шикоят, мадҳияҳои бардурӯғ, ҳаҷвияҳои шахсии беодобона, май ва маҳбуб ва аз ҳамин қабил мавзӯъҳои феодалӣ буд. Агар мо Аҳмади Калла, Шоҳин, Ҳайрат ва баъзе чунин касонро истисно кунем, ҳамагӣ муқаллиди якдигар ва тақлидчии бемуваффақияти гузаштагони худ буданд.

Як силсила шеърҳои Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар ҳаҷву истеҳзои саррофони маъруфи Бухоро зери унвони “Дар ҳаҷви Мир-Ҳикмат ва Мир-Муҳиддин ном саррофон” ва “Боз дар ҳаҷви саррофони мазкур ба равияи Хоҷа Аҳмад Ясавӣ” тахсис шудааст, ки ин намунаи беҳтарини ашъори иҷтимоии шоир маҳсуб меёбад. Ҳаҷвномаи аввал ба забони тоҷикӣ буда, аз 27 байт ва дуюмӣ ба забони ӯзбекӣ навишта шуда, аз 28 байт иборат аст. Чунончи:

...То зи мастӣ Мир Ҳикмат соғари заррин шикаст,
Рафт ҷоми эътибори Мир-Муҳйиддин шикаст.

Даҳрро бину шикасти кору ному нанги ӯ,
Мир-Камолу Мир-Музаффар - доди ину ҷанги ӯ,
Аз шуниди ин хабар бар рӯ шикаста ранги ӯ,
Мекунад дуд аз дилаш ҷавлон чу дуди банги ӯ,

Мир - Усмон лозим аст аз ин хабар рангаш парид,
Мир - Ато ҳайрон шуду кайфияти бангаш парид [6, 212].

Аз мазмун ва мӯҳтавои ин қитъа маълум мегардад, ки Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар ин ҳаҷвномаҳои худ ҳирси дунёпарастӣ, мардумфиребӣ ва табиати манфури як қатор саррофони ришвахӯр ва мардумозори ин давра, аз қабили Мир-Ҳикмат, Мир-Муҳиддин Мир-Камол, Мир-Музаффар, Мир-Усмон ва Мир-Аторо мавриди танқиду накӯҳиш қарор додааст. Асомии ашхосе, ки дар шеъри боло зикр гардидааст, онон намояндагони ҳамон табақае буданд, ки дар аввали қарни XX дар ҷамъияти феодалии Бухоро зуҳур карда, дар натиҷаи истисмори бераҳмонаи халқи бечора молу сарвати зиёд ба даст меоварданд. Тимсоли ҳақиқӣ ва образи мукаммали намояндаи ин табақаро устод Садриддин Айнӣ пас аз Инқилоби Октябр дар повести “Марги судхӯр” бо тамоми ҷузъиёташ ба риштаи тасвир кашидааст.

Ҷои таассуф аст, ки теъдоди ин гуна ашъори иҷтимоӣ дар мероси адабии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ангуштшумор мебошад. Ваҷҳи ин қазия бино ба гуфти Расул Ҳодизода, аз як ҷониб, маҳдудияти ҷаҳонбинии шоир бошад, аз тарафи дигар дар айни камолоти

эҷодӣ қатъ гардидани риштаи зиндагии ӯст [6, 32]. Аммо бо вуҷуди ин ҳама, чунин оҳангҳои иҷтимоӣ мӯҳтаво ва дарунмояи ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро дар адабиёти он давра ба мақоми пеш мегузорад ва арзиши ғоявӣ - бадеии мероси адабии ӯро дар адабиётшиносии муосири тоҷик зиёд мегардонад.

## ХУЛОСА

Аз ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ашъори шоир муайян мегардад, ки Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ба ин мавзӯот низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ин қабил афкору андешаҳои Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бештар дар мухаммас, рубоӣ, ғазал ва қитъаҳои ӯ ба мушоҳида мерасанд. Шикоят аз носозгории замон, фақру тангдастӣ, мазаммати ашхоси бадкирдор, вазъи номусоиди рӯзгор ва ғайра аз мавзӯоти меҳварии эҷодиёти Ҳайрат ба шумор меоянд. Дар девони Ҳайрат ашъоре, ки масоили ахлоқӣ ва иҷтимоиро баррасӣ намояд, ба назар мерасанд. Ин гуна ашъори шоир вобаста ба афкор, ҷаҳонбинӣ, муҳити зиндагӣ ва назарияи фардии адиб аз намунаҳои осори суханварони дигар тафовут дорад.

Умуман омӯзиши вижагиҳои истифодаи луғот ва таъбироти шоирона дар ғазалиёти Ҳайрати Бухороӣ ва ҳамзамонони ӯ моро ба чунин натиҷа меоварад, ки коргоҳи маърифату тафаккур ва андешаю хаёли шоир монанди гулбоғест, ки нигаҳбони он баҳри ороиши ҳар бутта, ҳар гулу ғунча, ҳар гиёҳу нахли зебо маҳорат, дониш, истеъдод, таҷрибаи ҳаётӣ ва тавоноии суханофаринашро дар баландтарин дараҷот ба кор бурдааст.

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (REFERENCES)

1. Айнӣ, Садриддин. “Ёддоштҳо”. Ҷилди 7. Қисмҳои 3-4. – Сталинобод; Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957 (Ayni, Sadriddin. "Memory". Volume 7. Part 3-4. - Stalinabad; Published by the State of Tajikistan, 1957.).
2. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод.- Душанбе: Адиб, 2010.- 438 с (Ayni, Sadriddin. Sample literature is Tajik. Prepared and revised from Persian by Mubashshir Akbarzod. - Dushanbe: Adib, 2010.- 438 p.).
3. Асозода, Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2014. – 672 с. (Asozoda, Khudoynazar. Historical literature is Tajik (periodical). The book is for schoolchildren. - Dushanbe: "Education and Culture", 2014. - 672 p.).
4. Зарринкӯб А. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. Чопи ҳафтум. - Теҳрон, 1372.
5. Сатторов А. Нуқтаи пайванд.- Душанбе: Ирфон,1982.-240 с (Zarrinkob A. His poetry is unmistakable, his poetry is beautiful. It's my week. - Tehran, 1372.).
6. Ҳайрат. Ашъори Мунтахаб.- Душанбе: Комбинати Полиграфии Давлати Советӣ Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот-1964. (Khayrat. Selected poems.- Dushanbe: Press of the State Soviet Minister of Printing Press of the Republic of Tajikistan, 1964.).
7. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX.- Душанбе: Дониш, 1968.- 291 с. (Hadizada, Rasul. Literature Tajik in the second half of the 19th century.- Dushanbe: Donish, 1968.- 291 p.).
8. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз Ганҷи сухан . -Душанбе: Ирфон, 1985.-191с. (Huseynzoda Sh.Talk from Treasury talk. -Dushanbe: Irfon, 1985.-191p.).